Қайд кардан лозим аст, ки ҷудошавандагии оператори Штурм-Лиувилл бо потенсиали ғайрихаттии намуди $q(x,|x|)$ дар фазои $L_1(-\infty,+\infty)$ дар кори Т.Т. Аманова, М.Б. Муратбеков[27] омӯхта шудааст. Дар мақолаи Э.З. Гриншпун, М. Отелбаев[28] исбот карда шудааст, ки оператори ғайрихаттии Штурм-Лиувилл дар фазои $L_1(-\infty,+\infty)$ бо потенциали мусбат дар хама холат ҷудошаванда мебошад.

Дар корҳои К.Х. Бойматов[31], А.С. Мохамед[32] ва дигар муаллифон операторҳои дифференсиалии бо коэффисиентҳои матрисавӣ тадқиқ карда шудааст.

Қайд мекунем, ки дар кори А.С. Мохамед[32] ғайрихаттӣ будани оператори дифференсиалӣ, ҳангоми ошӯби сусти оператори хаттӣ будани он дида баромада шудааст.

Ифодаҳои дифференсиалии ғайрихаттӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ дар корҳои Б.М.Муратбеков, М.Отелбаев[33], К.Х. Бойматов[18,34], К.Х. Бойматов, А.

[22]Бойматов К.Х. L_2- оценки обобщенных решений эллиптических дифференциальных уравнений // ДАН СССР. –1975. –Т.223. –№ 3. –С. 521-524.

[23]Бойматов К.Х. Об области определения оператора Штурма-Лиувилля // Дифференциальные уравнения. –1976. –Т.12. –№ 7. –С. 1151-1160.

[24]Отелбаев М. Коэрцитивные оценки и теоремы разделимости для эллиптических уравнений в R^n // Труды Математического института им. В.А.Стеклова АН СССР. –1983. –Т.161. –С. 195-217.

[25]Ойнаров Р. О разделимости оператора Шредингера в пространстве суммируемых функций // Доклады АН СССР. –1985. –Т.285. –№ 5. –С. 1062-1064.

[29]Ospanov K.N., Akhmedkaliyeva R.D. On separation of a degenerate differential operator in Hilbert space // SRM Preprint Series. –2011. –№ 1080. –12P.

[30]Ospanov K.N., Akhmedkaliyeva R.D. Separation and the existence theorem for second order nonlinear differential equation // Electronic Journal of Qualitative Theory of Differential Equations. –2012. –№ 66. –P.1-12:http://www.math.u-szeged.hu/ejqtde/

[31]Бойматов К.Х. Коэрцитивные оценки и разделимость для дифференциальных операторов произвольного порядка // Успехи математических наук. –1989. –Т.44. –№ 3. –С. 147-148.

[32]Mohamed A.S., Atia H.A. Separation of the Schrodinger operator with an operator potential in the Hilbert spaces // Applicable Analysis. –2005. –V.84. –№ 1. –P.103-111.

[33]Муратбеков М.Б., Отелбаев М. Гладкость и аппроксимативные свойства решений одного класса нелинейных уравнений типа Шрёдингера // Известия вузов.Математика. –1989. –№ 3. –С. 44-48.

[34]Бойматов К.Х. Коэрцитивные оценки и разделимость для эллиптических дифференциальных уравнений второго порядка // Доклады АН СССР. –1988. –Т.301. –№ 5. –С. 1033-1036.

Шарифов[35], З. Оер (Z.Oer)[36] ва дигар муаллифон дида баромада шудааст.

Дар корҳои Х.А.Ати, Р.С.Алсаиди, А.Рамади(H.A.Atia, R.S.Alsaedi, A.Ramady)[37] ва О.Милатович(O.Milatovic)[38,39,40,41] ҷудошавандагии операторҳои дифференсиалии бо ҳосилаҳои хусусӣ дар бисёршаклаҳои Риманӣ додашуда дида баромада шудааст.

Ифодаҳои дифференсиалии тартибашон нисбатан олӣ дар корҳои зерин ва дигарон тадқиқ карда шудааст: К.Х.Бойматов[31], М.Б.Муратбеков[42], М.Б. Муратбеков, М.М.Муратбеков, К.Н. Оспанов[43], М.Г.Гадоев, Ф.С.Исхоков[44,45], М.Г.Гадоев, С.А.Исхоков, Ф.С.Исхоков[46].

Дар маколаи М.Г.Гадоев, С.А.Исхокоа, Ф.С.Исхоков[46] аввалин маротиба теорема ҷудошавандаги барои операторҳои эллиптикии таназулёбанда намуди умумӣ дар ҳолате исбот карда шудааст, ки соҳае, ки дар он оператори дифференсиалӣ дода шудааст, ва функсияҳои мусбате, ки таназзулёбии коэффитсиентҳои оператори дифференсиалиро тавсиф мекунанд, дар ҳамҷуфтӣ бо ҳамдигар дода мешаванд ва шарти ғутонишро (погружение) қаноат мекунонанд (ниг. П.И.Лизоркин[47]).

---

[35]Бойматов К.Х., Шарифов А. Коэрцитивные свойства нелинейных операторов Шредингера и Дирака // Доклады АН России. –1992. –Т.326. –№ 3. –С. 393-398.

[36]Oer Z. Separation theorem for Sturm-Liouville equation with operator coefficient // Proyecciones, Universidad Catolica del Norte Antofagasta-Chile. –2001. –V.20. –№ 2. –P.177-191.

[37] Atia H.A., Alsaedi R. S., Ramady A. Separation of bi-harmonic operators on Riemannian manifolds // Forum Math. –2014. –V.26. –P.953-966.

[38]Milatovic O. The form sum and the Friedrichs extension of Schrodinger operators on Riemannian manifolds // Proceedings of the American mathematical society. –2003. –V.132. –№ 1.–P.147-156.

[39]Milatovic O. Separation property for Schrodinger operators on Riemannian manifolds // Journal of Geometry and Physics. –2006. –V.56. –P.1283-1293.

[40]Milatovic O. A separation property for Schrodinger operators on Riemannian manifolds // Journal of Geometry and Physics. –2011. –V.61. –P.1-7.

[41]Milatovic O. Separation property for Schrodinger operators in L_p –spaces on noncompact manifolds // Complex Variables and Elliptic Equations: An International Journal. –2013. –V.58. –№ 6.–P.853-854.

[42]Муратбеков М.Б. Коэрцитивные оценки для одного дифференциального оператора высокого порядка // Дифференциальные уравнения. –1981. –Т.17. –№ 3. –С. 893-901.

[43]Муратбеков М.Б., Муратбекова М.М., Оспанов К.Н. Коэрцитивная разрешимость дифференциального уравнения нечетного порядка и ее приложения // Доклады Академии наук России. –2010. –Т.435. –№ 3. –С. 310-313.

[44]Гадоев М.Г., Исхоков Ф.С. Об обратимости одного класса вырождающихся дифференциальных операторов в лебеговом пространстве // Математические заметки СВФУ. –2016. –Т.23. –№ 3(91). –С. 3-26.

[45]Гадоев М.Г., Исхоков Ф.С. Об относительной ограниченности одного класса вырождающихся дифференциальных операторов в лебеговом пространстве // Математические заметки СВФУ. –2018. –Т.25. –№ 1(97). –С. 3-14.

[46]Гадоев М.Г., Исхоков С.А.,Исхоков Ф.С. О разделимости одного класса вырождающихся дифференциальных операторов в лебеговом пространстве // Чебышевский сборник, 2019г, т.18, № 4, стр. 85-105.

[47]Лизоркин П.И. Оценки смешанных и промежуточных производных в весовых L_p – нормах // Труды Математического института им. В.А.Стеклова АН СССР. –1980. –Т.156. –С. 130-142.

Ҳалшавандагии коэрситивии операторҳои дифференсиалӣ дар мақолаҳои К.Х.Бойматов, А.Шарифов[35], М.Б.Муратбеков, М.М. Муратбеков, К.Н.Оспанов[43], E.M.E. Zayed, A.S.Mohamed, H.A.Atia[48] ва ғайраҳо дида баромада шудааст.

Аз тафсири кӯтоҳи дар боло овардашудаи натиҷаҳои назарияи ҷудошавандагии операторҳои дифференсиалӣ бармеояд, ки муаммоҳои актуалии ҷудошавандагии ин назария, аз тадқиқи ҷудошавандагии операторҳои дифференсиалии ғайрихаттии қавӣ иборат аст, яъне операторҳое, ки ошӯби сусти операторҳои хаттӣ намебошанд. Хусусан ба ин муаммои актуалӣ рисолаи мазкур бахшида шудааст.

Алоқаи кор бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо), мавзӯъҳо. Рисолаи мазкур дар доираи амаликунии нақшаи кории дурнамои илмӣ-тадқиқотии Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи «Масъалаҳои умумикардашудаи канорӣ барои муодилаҳои эллиптикии таназзулёбанда бо коэффициентҳои ченшаванда ва муодилаҳои эволютсионии ғайрихаттии тартиби касрӣ» иҷро карда шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои кор. Мақсади рисолаи илмӣ иборат аст аз тадқиқи хосиятҳои коэрситивии синфи васеи операторҳои ғайрихаттӣ ва системаҳои ғайрихаттии дифференсиалии операторҳои дараҷаи дуюм ва аз он боло дар ҳамаи фазои R^n, дар фазои вазндори $L_{2,\rho}(R^n)^l$; барқароркунии ҷудошавандагии ин операторҳои ғайрихаттӣ дар фазои вазндори $L_{2,\rho}(R^n)^l$; ҳосил намудани нобаробариҳои коэрситивии мувофиқ; омӯзиши ҳалшавандагии коэрситивии операторҳои тадқиқшаванда дар асоси нобаробариҳои коэрситивии барқароркардашуда.

Дар асоси мақсади гузошташуда масъалаҳои зерин интихоб карда шуданд:

- омӯзиши хосиятҳои коэрситивии операторҳои дифференсиалии қатъи ғайрихаттии тартиби дуюм дар фазои вазндор, исботи нобаробариҳои коэрситивии мувофиқ ва дар асоси онҳо исбот намудани ҷудошавандагии операторҳои мувофиқ;
- ёфтани шартҳои кифоягии ҷудошавандагии операторҳои дифференсиалии қатъи ғайрихаттии тартибашон аз ду боло ва исботи нобаробариҳои коэрситивии мувофиқ;

[48]Zayed E.M.E., Mohamed A.S., Atia H.A. Inequalities and separation for the Laplace-Beltrami differential operator in Hilbert spaces // J. Math.Anal.Appl. –2007. –V.336. –P.81-92.

- исботи теоремаҳои мавҷудият ва ягонагии ҳалҳои муодилаҳои дифференсиалии қатъи ғайрихатти тартиби дуюм.

Обеъктҳои тадқиқот. Обеъктҳои тадқиқот иборатанд аз операторҳои қатъи ғайрихаттии тартиби дуюм ва аз он калон дар тамоми фазо, ки дорои ошӯби сусти операторҳои дифференсиалии хаттӣ намебошанд.

Усулҳои тадқиқот. Усулҳои асосии тадқиқот ин усулҳои муосири таҳлили функсионалӣ ва назарияи муодилаҳои дифференсиалии ғайрихаттӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ мебошад; усули интегронӣ аз руйи ҳиссаҳо, ки аввалин маротиба аз тарафи В.Н. Эверитт ва М. Гирц истифода бурда шуда, баъдтар дар корҳои К.Х. Бойматов инкишоф ёфтааст, мебошанд.

Нововарии илмӣ. Ҳамаи натиҷаҳои илмии диссертатсия, нав буда характери назариявӣ дошта, аз инҳо иборатанд:

- баҳоҳои коэрситивӣ барқарор карда шуда, теорема оиди ҷудошавандагии операторҳои ғайрихаттии Лаплас-Белтрам ва операторҳои ғайрихаттии дифференсиалии тартиби дуюм дар фазоҳои гилбертӣ исбот карда шудааст;
- хосиятҳои коэрситивии оператори Гелмголтс бо потенсиали матритсавии ғайрихаттӣ дар фазои $L_{2,\rho}(R^n)^l$ омӯхта шуда, теорема оиди ҷудошавандагии оператори ғайрихаттии Гелмголтс бо потенсиали матритсавӣ исбот карда шудааст;
- хосиятҳои коэрситивии операторҳои дифференсиалии ғайрихаттии тартиби дуюм бо коэффисиентҳои калони тағирёбанда дар фазои вектор-функсия омӯхта шуда, теорема оиди ҷудошавандагии операторҳои дифференсиалии ғайрихаттии умумии тартиби дуюм бо коэффисиентҳои матритсавӣ исбот карда шудааст;
- хосиятҳои коэрситивии оператори бигармоникӣ бо потенсиали матритсавии ғайрихаттӣ дар фазои $L_2(R^n)^l$ омӯхта шуда, теорема оиди ҷудошавандагии оператори ғайрихаттии бигармоникӣ бо потенсиали матритсавӣ исбот карда шудааст;
- баҳоҳои коэрситивӣ барқарор карда шуда, теорема оиди ҷудошавандагии операторҳои дифференсиалии оддии ғайрихаттии тартиби шашум дар фазои гилбертӣ исбот карда шудааст;
- шартҳои ҳалшавандагии коэрситивии оператори Лаплас-Белтрами ёфта шуда, теорема оиди мавҷудият ва ягонагии ҳалли муодилаи ғайрихаттии Лаплас-Белтрами дар фазои гилбертӣ исбот карда шудааст;

- шартҳои ҳалшавандагии коэрситивии операторҳои дифференсиалии ғайрихаттии тартиби дуюм ёфта шуда, теорема оиди мавҷудият ва ягонагии ҳалли муодилаҳои дифференсиалии ғайрихаттии тартиби дуюм дар фазои вазндор исбот карда шудааст.

Муҳтавои ҳимояшавандаи диссертатсия:

1. Теорема оиди ҷудошавандагии оператори дифференсиалии ғайрихаттии Лаплас-Белтрами дар фазои гилбертии $L_2(R^n)$.

2. Теорема оиди ҷудошавандагии оператори дифференсиалии умумии ғайрихаттии тартиби дуюм дар фазои вазндори $L_{2,\rho}(R^n)$.

3. Теорема оиди ҷудошавандагии оператори дифференсиалии қатъи ғайрихаттии Гелмголтс дар фазои $L_{2,\rho}(R^n)^l$.

4. Теорема оиди ҷудошавандагии операторҳои дифференсиалии ғайрихаттии тартиби дуюм бо коэффисиентҳои калони тағйирёбанда дар фазои $L_{2,\rho}(R^n)^l$.

5. Теорема оиди ҷудошавандагии оператори дифференсиалии бигармоникии қатъи ғайрихаттии дар фазои $L_2(R^n)^l$.

6. Теорема оиди ҷудошавандагии як синфи операторҳои оддии ғайрихаттии тартиби шашум дар фазои гилбертии $L_2(R)$.

7. Теорема оиди мавҷудият ва ягонагии ҳалли муодилаҳои дифференсиалии ғайрихаттии Лаплас-Белтрами дар фазои гилбертии $L_2(R^n)$.

8. Теорема оиди мавҷудият ва ягонагии ҳалли муодилаҳои дифференсиалии ғайрихаттии тартиби дуюм дар фазои вазндори гилбертии $L_{2,\rho}(R^n)$.

Саҳми шахсии муаллиф. Вазифаҳои тадқиқот аз ҷониби машваратчии илмӣ, ки ба унвонҷӯ ҳамчун кӯмаки машваратӣ расонидааст, таҳия шудаанд. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсиониро шахсан худи муаллиф ба даст овардааст, ки дар қисмати «Навгонии илмӣ» дарҷ гардидаанд.

Арзиши назариявӣ ва амалии кор. Натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст овардашуда хусусияти назариявӣ доранд. Онҳо метавонанд дар рушди назарияи операторҳои дифференсиалии ғайрихаттӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ, дар назарияи фазои функсияҳои дифференсиронидашавандаи бисёртағйирёбанда ва назарияи спектралии операторҳои дифференсиалӣ истифода шаванд. Маводҳои диссертатсияро метавон ҳангоми хондани курсҳои махсус барои донишҷӯёни курсҳои болоӣ ва магистрони донишгоҳҳои олӣ аз рӯйи ихтисоси «Математика» истифода бурд.

Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои илмии тадқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ бо исботҳои қатъии математикии ҳамаи тасдиқотҳо, ки дар диссертатсия оварда шудааст, таъмин карда шуда, аз тарафи тадқиқотҳои муаллифони дигар асоснок карда мешаванд.

Тасвиби кор. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар семинарҳои шӯъбаи таҳлили функсионалӣ ва назарияи функсияҳо ва семинари умумиинститутии Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима шуда, тақризҳои мусбӣ гирифтанд. Натиҷаҳои диссертатсия дар рафти конференсияҳои зерин баррасӣ шуданд: конференсияи илмии байналхалқии «Муаммоҳои муосири таҳлили математикӣ ва тадбиқи онҳо», бахшида ба 60-солагии академик К.Х. Бойматов, ш. Душанбе, 24 июни соли 2010; конференсияи илмии байналхалқии «Илм ва коркарди инноватсионии Шимол» Россия, ш. Мирний, 10-12 марти соли 2014; конференсияи илмии байналхалқии «Муаммоҳои муосири таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ», бахшида ба 80-солагии узви вобастаи АМИ Тоҷикистон, профессор В.Л. Стетсенко, ш. Душанбе, 27-28 апрели соли 2015; конференсияи байналхалқии «Фазоҳои функсионалӣ ва назарияи наздиккунӣ», бахшида ба 110-солагии таваллуди академик С.М. Николский, ш. Москва, 25-29 майи соли 2015; VI-умин конференсияи умумироссиягии илмӣ-амалии донишҷӯён, аспирантон ва олимони ҷавон. СВФУ ба номи М.К. Аммосов, Институти Политехникӣ, Россия, ш. Мирный, соли 2015; конференсияи байналхалқии тобистонаи мактаб-конференсияи ба номи С.Б. Стечкин оид ба назарияи функсияҳо. ш. Душанбе, 15-25 августи соли 2016; конференсияи байналхалқии математикӣ оид ба назарияи функсияҳо, бахшида ба 100 солагии узви вобастаи АИ Иттифоқи Шӯравӣ А.Ф. Леонтев, Россия, ш. Уфа, 27-30 майи соли 2017; конференсияи байналхалқии Уфа «Муаммоҳои муосири математика ва тадбиқи онҳо», Россия, Уфа, 27-30 сентябри соли 2016; конференсияи илмии байналхалқии «Муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ ва масъалаҳои канонии назарияи функсияҳо», бахшида ба 90-солагии академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дорандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абуали Ибни Сино Михайлов Л.Г., ш. Душанбе, 27-28 феврали соли 2018; IV-умин конференсияи байналхалқии илмӣ «Муаммоҳои актуалии математикаи амалӣ», Дар Элбрус, Ҷумҳурии Кабардин-Балкар, 22-26 майи соли 2018; конференсияи илмии байналхалқии «Назарияи спектралӣ ва масъалаҳои ҳамҷавор», Россия, ш. Уфа, 1-4 октябри соли 2018; конференсияи илмии байналхалқии «Муаммоҳои муосири математика ва механика», бахшида ба 80-солагии академик В.А. Садовничий, МГУ, ш. Москва, 13-15 майи соли 2019; конференсияи байналхалқии илмӣ-назариявии «Илм ва коркарди инноватсионӣ – Шимол», Россия, ш. Мирный, 14-15 марти соли 2019; XVI-умин конференсияи байналхалқӣ, бахшида ба 80-солагии таваллуди профессор Мишел Деза, Россия, ш. Тула, 13–18 майи соли 2019; конференсияи байналхалқии «Муаммоҳои муосир ва тадбиқи алгебра, назарияи ададҳо ва таҳлили математикӣ», бахшида ба 60-солагии академики АМИ Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Рахмонов З.Х. ва узви вобастаи АМИ Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Исхоков С.А., Душанбе, 13–14 декабри соли 2019; конференсияи байналхалқии «Муодилаҳои интегралии сингулярӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ», бахшида ба 70-солагии профессор Джангибеков Гулходжа, Душанбе, 30-31 январи соли 2020.

Интишорот. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 34 интишороти муаллиф, ки руйхати онҳо дар охири автореферат оварда шудаанд, дарҷ гардидаанд. Корҳои [1]-[16] дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки ба рӯйхати амалкунандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия тааллуқ доранд, чоп шудаанд. Корҳои [1]-[6] ба библиографияи байналхалқӣ ва базаи маълумотҳои реферативии **Web of Science ва Scopus** шомил мебошанд.

Сохтор ва ҳаҷми кор. Диссертатсия аз муқадима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 135 номгӯйро ташкил мекунад, иборат буда, ҳаҷми умумии он 157 саҳифаи чопиро ташкил карда, дар барномаи LaTeX ҳуруфчинӣ шудааст.

Барои қулай шудани хондан дар диссертатсия рақамгузории секаратаи теоремаҳо, леммаҳо, таърифҳо ва формулаҳо мавриди истифода қарор дода шудааст, ки рақами якум бо рақами боб, рақами дуюм бо рақами параграф ва рақами сеюм бо рақами тартибии теоремаҳо, таърифҳо ё формулаҳои ҳамин параграф мувофиқат мекунад.

Муҳтавои асосии диссертатсия

Дар муқаддима шарҳи кӯтоҳи таърихии натиҷаҳо оиди муаммоҳои дахлдори мавзӯъ оварда шуда, актуалӣ будани мавзӯъро асоснок мекунад.

Боби якуми диссертатсия аз панҷ параграф иборат буда, ба омӯзиши хосиятҳои коэрситивӣ ва ҷудогардонии операторҳои дифференсиалии ғайрихаттии тартиби ду дар фазои $L_2(R^n)$ ва ба системаҳои дифференсиалии ғайрихаттии тартиби дуюм дар фазои вазндори $L_{2,\rho}(R^n)^l$ бахшида шудааст.

Параграфи якум характери ёрирасон дошта, дар он леммаҳои маълум, ки дар параграфҳои оянда истифода бурда мешаванд, оварда шудаанд.

Бигузор R^n фазои евклидии n - ченака буда, $x = (x_1, x_2, \dots x_n)$ - нуқтаи ихтиёрии ин фазо бошад. Бо рамзи $L_p(R^n)$, ки $1 \leq p < +\infty$ аст, фазои функсияҳои ченшавандаи $\varphi(x)$–ро дар R^n бо нормаи охирноки

$$\|\varphi; L_p(R^n)\| = \left\{ \int\limits_{R^n} |\varphi(x)|^p dx \right\}^{\frac{1}{p}}$$

ишора мекунем.

Бигузор l- ягон адади натуралӣ бошад. Бо рамзи $L_p(R^n)^l$ фазои вектор-функсияҳои $u(x) = (u_1(x), u_2(x), \dots, u_l(x))$, ки дар он $u_k(x) \in L_p(R^n), (k = \overline{1, l})$ ишорат мекунем. Нормаро дар фазои $L_p(R^n)^l$ чунин муайян мекунем:

$$\|u; L_p(R^n)^l\| = \left\{ \sum_{k=1}^{l} \|u_k\|^p_{L_p(R^n)} \right\}^{\frac{1}{p}}.$$

Ҳангоми $p = 2$ будан, фазои $L_p(R^n)^l$ гилбертӣ мебошад ва зарби скалярӣ дар $L_2(R^n)^l$ бо баробарии

$$(u, v) = \sum_{j=1}^{l} \int\limits_{R^n} u_j(x)\overline{v_j(x)} dx$$

муайян карда мешавад.

Бигузор $\alpha = (\alpha_1, \alpha_2, \dots, \alpha_n)$ - мултииндекс, яъне вектор бо компонентаҳои ғайриманфии бутун бошад. Бо $|\alpha| = \alpha_1 + \alpha_2 + \dots + \alpha_n$,

$$D^\alpha = \left(\frac{1}{i}\right)^{|\alpha|} \cdot \frac{\partial^{\alpha_1}}{\partial x_1^{\alpha_1}} \cdots \frac{\partial^{\alpha_n}}{\partial x_n^{\alpha_n}}$$

ишора мекунем.

Бо воситаи $C_0^\infty(R^n)$ маҷмӯи функсияҳои финитӣ ва беохир дифференсиронидашавандаро дар фазои R^n бо барандаи компактӣ ишорат мекунем. Мегуянд, ки функсияи $\varphi(x)$ дорои ҳосилаи умумикардашудаи мултииндекси α дар R^n бо маънои Соболев мебошад, агар функсияи локалии суммиронидашавандаи $\psi(x)$ дар R^n мавҷуд бошад, ки

$$\int\limits_{R^n} \varphi(x) \cdot \overline{D^\alpha \omega(x)} dx = \int\limits_{R^n} \psi(x) \cdot \overline{\omega(x)} dx$$

барои ҳамаи $\omega(x) \in C_0^\infty(R^n)$ иҷро гардад, ки дар он $\psi(x) = D^\alpha\varphi(x)$ мебошад.

Бигузор r- ягон адади натуралӣ ва $1 \le p < +\infty$ бошад. Бо рамзи $W_p^r(R^n)$ фазои функсияҳои коплексии $\varphi(x) \in L_p(R^n)$, ки дар R^n дорои ҳосилаҳои умумикардашудаи гуногуни $D^\alpha\varphi$ тартиби $|\alpha| \le r$, ки ба фазои $L_p(R^n)$ дахл дорад, ишорат мекунем. Норма дар фазои $W_p^r(R^n)$ бо баробарии

$$\|\varphi(x); W_p^r(R^n)\| = \left\{ \sum_{|\alpha|\le r} \int_{R^n} |D^\alpha\varphi(x)|^p dx \right\}^{\frac{1}{p}}$$

муайян карда мешавад.

Мегӯем, ки вектор-функсияи $u(x) = (u_1(x), u_2(x), \dots, u_l(x))$ ба синфи $W_p^r(R^n)^l$ таалуқ дорад, агар компонентҳои $u_k(x)(k = \overline{1,l})$ ба фазои $W_p^r(R^n)$ таалуқ дошта бошад.

Фазои $W_p^r(R^n)^l$ инчунин фазои нормиронидашуда буда, нормаи он чунин муайян карда мешавад:

$$\|\varphi(x); W_p^r(R^n)^l\| = \left\{ \sum_{k=1}^{l} \|u_k; W_p^r(R^n)\|^p \right\}^{\frac{1}{p}}.$$

Ҳангоми $p = 2$ фазои $W_p^r(R^n)^l$ фазои гирбертӣ буда зарби скалярӣ дар ин фазо бо баробарии зерин муайян карда мешавад:

$$\langle u, \vartheta; W_2^r(R^n)^l \rangle = \sum_{k=1}^{l} \sum_{|\alpha|\le r} \int_{R^n} D^\alpha u_k(x) \overline{D^\alpha \vartheta_k(x)} dx.$$

Агар вектор-функсияи $\varphi(x)u(x)$ ба фазои $W_p^r(R^n)^l$ таалуқ дошта бошад, барои ҳамаи $\varphi(x) \in C_0^\infty(R^n)$, он гоҳ мегуянд, ки $u(x)$ ба синфи $W_{p,loc}^r(R^n)^l$ таалуқ дорад.

Бо рамзи $\mathrm{End}\,\mathrm{C}^l$ фазои $l \times l$ матритсаҳои $a = (a_{ij})_{i,j=1}^l$ бо нормаи $\|a\| = \max_{i,j} |a_{ij}|$ ишора мекунем.

Дар параграфи дуюми ин боб хосиятҳои коэрситивии оператори ғайрихаттии Лаплас-Белтрами дар фазои $L_2(R^n)$ тадқиқ карда шудааст:

$$L[u] = -\frac{1}{\sqrt{detg(x)}} \sum_{i,j=1}^{n} \frac{\partial}{\partial x_i} \left[\sqrt{detg(x)} g^{-1}(x) \frac{\partial u}{\partial x_j} \right] + V(x,u)u(x)$$

ва дар асоси баҳоҳои коэрситивӣ ҷудошавандагии ин оператор дар фазои додашуда исбот карда шудааст.

Дар фазои $L_2(R^n)$ муодилаи дифференсиалии

$$-\frac{1}{\sqrt{detg(x)}}\sum_{i,j=1}^{n}\frac{\partial}{\partial x_i}\left[\sqrt{detg(x)}g^{-1}(x)\frac{\partial u}{\partial x_j}\right]+V(x,u)u(x)=f(x), \qquad (1)$$

$$u(x)\in W^2_{2,loc}(R^n)$$

–ро дида мебароем, ки дар ин ҷо $g(x) = (g_{ij}(x))$- матритсаи эрмитӣ, $V(x,z)$ -функсияи мусбат мебошад.

Таърифи 1.2.1. *Муодилаи (1) (ва оператори ба он мувофиқ) ҷудошаванда дар фазои $L_2(R^n)$ номида мешавад, агар*

$$\frac{1}{\sqrt{detg(x)}}\sum_{i,j=1}^{n}\frac{\partial}{\partial x_i}\left[\sqrt{detg(x)}g^{-1}(x)\frac{\partial u}{\partial x_j}\right],$$

$V(x,u(x))u(x)\in L_2(R^n)$ *барои ҳамаи* $u(x)\in L_2(R^n)\cap W^2_{2,loc}(R^n)$*, ки барои онҳо* $f(x)\in L_2(R^n)$ *аст, ҷой дошта бошад.*

Дар оянда фарз мекунем, ки $V(x,z)\in C^1(R^n\times\mathbb{C})$ аст. Барои таҳия намудани натиҷаи асосӣ функсияҳои зеринро дохил менамоем:

$$F(x,\xi,\eta)=V^{\frac{1}{2}}(x,z),\ \xi=Rez,\ \eta=Imz,$$

$$Q(x,\xi,\eta)=V(x,z),\ \xi=Rez,\ \eta=Imz.$$

Фарз мекунем, ки барои ҳамаи $x\in R^n$, $\omega=\xi+i\eta\in\mathbb{C}$, $\Omega=\mu+i\nu\in\mathbb{C}$ функсияи $F(x,\xi,\eta)$ шартҳои зеринро қаноат кунонад:

$$\sum_{i=1}^{n}\left\|g^{-\frac{1}{2}}F^{\frac{1}{2}}\frac{\partial}{\partial x_i}[\ln(detg(x))]\right\|^2\le\sigma_1, \qquad (2)$$

$$\sum_{i=1}^{n}\left\|g^{-\frac{1}{2}}(x)F^{-\frac{1}{2}}\frac{\partial F}{\partial x_i}F^{-\frac{3}{2}}\right\|^2\le\sigma_1, \qquad (3)$$

$$\left\|g^{-\frac{1}{2}}(x)F^{-\frac{1}{2}}(\frac{\partial F}{\partial\xi}\mu+\nu\frac{\partial F}{\partial\eta})\omega\right\|\le\delta_1\left\|F^{\frac{1}{2}}\Omega\right\|. \qquad (4)$$

Инчунин фарз мекунем, ки барои ҳамаи $x\in R^n$, $\omega=\xi+i\eta\in\mathbb{C}$, $\Omega=\mu+i\nu\in\mathbb{C}$ нобаробариҳои

$$\sum_{i=1}^{n}\left\|g^{-\frac{1}{2}}F\frac{\partial}{\partial x_i}[\ln(detg(x))]\right\|^2\le\sigma_3, \qquad (5)$$

$$\sum_{i=1}^{n}\left\|g^{-\frac{1}{2}}(x)F^{-1}\frac{\partial Q}{\partial x_i}F^{-2}\right\|^2\leq\sigma_4, \tag{6}$$

$$\left\|g^{-\frac{1}{2}}(x)F^{-1}(\frac{\partial Q}{\partial\xi}\mu+\nu\frac{\partial Q}{\partial\eta})\omega\right\|\leq\delta_2\left\|F\Omega\right\| \tag{7}$$

ҷой доранд.

Натиҷаи асосии параграфро баён мекунем.

Теоремаи 1.2.1. *Бигузор шартҳои (2) –(7) иҷро гарданд ва бигузор ададҳои σ_j, δ_j $(j=\overline{1,4})$ чунон бошанд, ки*

$$n\sigma_1+2n\sigma_2<4,\ \sigma_1+2\sigma_2+4\delta_1<4,\ n\sigma_3+2n\sigma_4<4,\ \sigma_3+2\sigma_4+4\delta_2<4. \tag{8}$$

Он гоҳ оператори $L[u]$ дар фазои $L_2(R^n)$ ҷудошаванда мебошад ва барои ҳамаи функсияҳои $u(x)\in L_2(R^n)\cap W^2_{2,loc}(R^n)$, ки барои онҳо $f(x)\in L_2(R^n)$ аст, дохилшавии

$$\frac{1}{\sqrt{detg(x)}}\sum_{i,j=1}^{n}\frac{\partial}{\partial x_i}\left[\sqrt{detg(x)}g^{-1}(x)\frac{\partial u}{\partial x_j}\right],$$

$$V(x,u)u,\quad g^{-\frac{1}{2}}(x)V^{\frac{1}{2}}(x,u)\frac{\partial u}{\partial x_j}\in L_2(R^n),\ i=1,2,...,n;\ j=1,2,...,n$$

мавҷуд буда, инчунин нобаробарии коэрситивии зерин ҷой дорад

$$\left\|\frac{1}{\sqrt{detg(x)}}\sum_{i,j=1}^{n}\frac{\partial}{\partial x_i}\left[\sqrt{detg(x)}g^{-1}(x)\frac{\partial u}{\partial x_j}\right];L_2(R^n)\right\|+\|V(x,u)u;L_2(R^n)\|+$$

$$+\sum_{j=1}^{n}\left\|g^{-\frac{1}{2}}(x)V^{\frac{1}{2}}(x)\frac{\partial u}{\partial x_j};L_2(R^n)\right\|\leq M\|f(x);L_2(R^n)\|, \tag{9}$$

ки дар ин ҷо адади мусбати M аз $u(x)$, $f(x)$ вобаста нест.

Дар параграфи сеюми боби якум хосиятҳои коэрситивии операторҳои дифференсиалии ғайрихаттии намуди

$$L[u]=-\sum_{i,j=1}^{n}a_{ij}(x)\frac{\partial^2u}{\partial x_i\partial x_j}+\sum_{j=1}^{n}b_j(x)\frac{\partial u}{\partial x_j}+V(x,u)u,$$

ки $a_{ij}(x)\in C^2(R^n)$, $b_j(x)\in C^1(R^n)$ аст, дар фазои вазндори $L_{2,\rho}(R^n)$ омӯхта мешавад, ки нормаи он бо баробарии

$$\|u;L_{2,\rho}(R^n)\|=\left\{\int\limits_{R^n}\rho(x)|u(x)|^2dx\right\}^{\frac{1}{2}}.$$

муайян карда мешавад. Дар ин ҷо $\rho(x)$ – функсияи мусбати дар R^n муайянбуда мебошад.

Аз баҳоҳои коэрситивии ҳосилшуда ҷудошавандагии операторҳои дидабаромадашуда бармеояд.

Дар фазои вазндори $L_{2,\rho}(R^n)$ муодилаи дифференсиалии

$$-\sum_{i,j=1}^{n} a_{ij}(x)\frac{\partial^2 u}{\partial x_i \partial x_j} + \sum_{j=1}^{n} b_j(x)\frac{\partial u}{\partial x_j} + V(x,u)u(x) = f(x), \qquad (10)$$
$$u(x) \in W^2_{2,loc}(R^n),$$

–ро, ки $a_{ij}(x) \in C^2(R^n)$, $b_j(x) \in C^1(R^n)$, $V(x,z)$ - функсияи мусбат мебошад, дида мебароем.

Таърифи 1.3.1. *Муодилаи (10) (ва оператори дифференсиалии ба он мувофиқ) дар фазои $L_{2,\rho}(R^n)$ ҷудошаванда номида мешавад, агар*

$$-\sum_{i,j=1}^{n} a_{ij}(x)\frac{\partial^2 u}{\partial x_i \partial x_j} + \sum_{j=1}^{n} b_j(x)\frac{\partial u}{\partial x_j}, \quad V(x,u(x))u(x) \in L_2(R^n)$$

барои ҳамаи $u(x) \in L_{2,\rho}(R^n) \cap W^2_{2,loc}(R^n)$, ки барои онҳо $f(x) \in L_{2,\rho}(R^n)$ дошта бошад.

Дар оянда фарз мекунем, ки $V(x,z) \in C^1(R^n \times \mathbb{C})$ бошад.

Барои таҳияи натиҷаи асосӣ фунсияҳои зеринро дохил менамоем:

$$F(x,\xi,\eta) = V^{\frac{1}{2}}(x,z), \ \xi = Rez, \ \eta = Imz,$$

$$Q(x,\xi,\eta) = V(x,z), \ \xi = Rez, \ \eta = Imz.$$

Бигузор барои ҳамаи $x \in R^n$, $\omega = (\xi + i\eta) \in \mathbb{C}, \Omega = (\mu + i\nu) \in \mathbb{C}$ функсияи $F(x,\xi,\eta)$ шартҳои

$$\left\| a_{ij}^{-\frac{1}{2}}(x)\frac{\partial a_{ij}(x)}{\partial x_i}F^{-1} \right\|^2 \le \sigma_1, \qquad (11)$$

$$\left\| a_{ij}^{\frac{1}{2}}(x)\rho^{-1}\frac{\partial \rho}{\partial x_i}F^{-1} \right\|^2 \le \sigma_2, \qquad (12)$$

$$\left\| a_{ij}^{\frac{1}{2}}(x)F^{-\frac{1}{2}}\frac{\partial F}{\partial x_i}F^{-\frac{3}{2}} \right\|^2 \le \sigma_3, \qquad (13)$$

$$\left\| \frac{1}{n}a_{ij}^{-\frac{1}{2}}(x)b_j(x)F^{-1} \right\|^2 \le \sigma_4, \qquad (14)$$

$$\left\| a_{ij}^{\frac{1}{2}}(x) F^{-\frac{1}{2}} \left(\frac{\partial F}{\partial \xi}\mu + \nu \frac{\partial F}{\partial \eta}\right)\omega \right\| \le \delta_1 \left\| F^{\frac{1}{2}} \Omega \right\| \tag{15}$$

-ро қаноат кунонад, ки дар ин ҷо аломати $\| \bullet \|$ нормаи вектор дар $\mathbb{C}$-ро ифода мекунад.

Инчунин фарз карда мешавад, ки барои ҳамаи $x \in R^n$, $\omega = \xi + i\eta \in \mathbb{C}$, $\Omega = \mu + i\nu \in \mathbb{C}$ нобаробариҳои зерин иҷро мегарданд:

$$\left\| a_{ij}^{\frac{1}{2}}(x) F^{-1} \frac{\partial Q}{\partial x_i} F^{-2} \right\|^2 \le \sigma_5, \tag{16}$$

$$\left\| a_{ij}^{\frac{1}{2}}(x) F^{-1} \left(\frac{\partial Q}{\partial \xi}\mu + \nu \frac{\partial Q}{\partial \eta}\right)\omega \right\| \le \delta_2 \left\| F\Omega \right| , \tag{17}$$

ки аломати $\| \bullet \|$ нормаи вектор дар $\mathbb{C}$-ро ифода мекунад.

Натиҷаи асосии ин параграфро баён месозем.

Теоремаи 1.3.1. *Бигузор шартҳои (11) –(17) иҷро гарданд ва бигузор ададҳои σ_j, $(j = \overline{1,5})$, δ_1, δ_2 чунон бошанд, ки*

$$\sigma_1 + \sigma_2 + \sigma_4 < \frac{4}{3n^2}, \ \frac{2}{n^2(\sigma_1 + \sigma_2 + \sigma_3 + \sigma_4)} < 1 - \delta_1, \tag{18}$$
$$\frac{2}{n^2(\sigma_1 + \sigma_2 + \sigma_4 + \sigma_5)} < 1 - \delta_2.$$

Он гоҳ оператори $L[u]$ дар фазои $L_{2,\rho}(R^n)$ ҷудошаванда мебошад ва барои ҳамаи функсияҳои $u(x) \in L_{2,\rho}(R^n) \cap W^2_{2,loc}(R^n)$, ки барои онҳо $f(x) \in L_{2,\rho}(R^n)$ аст, дохилшавии зерин ҷой дорад

$$-\sum_{i,j=1}^{n} a_{ij}(x) \frac{\partial^2 u}{\partial x_i \partial x_j} + \sum_{j=1}^{n} b_j(x) \frac{\partial u}{\partial x_j}, \quad V(x, u(x))u(x) \in L_{2,\rho}(R^n),$$

$$a_{ij}^{\frac{1}{2}}(x) V^{\frac{1}{2}}(x) \frac{\partial u}{\partial x_j} \in L_{2,\rho}(R^n), i = 1, 2, ..., n; j = 1, 2, ..., n.$$

Инчунин нобаробарии коэрситивии

$$\left\| -\sum_{i,j=1}^{n} a_{ij}(x) \frac{\partial^2 u}{\partial x_i \partial x_j} + \sum_{j=1}^{n} b_j(x) \frac{\partial u}{\partial x_j}; L_{2,\rho}(R^n) \right\| + \|V(x,u)u; L_{2,\rho}(R^n)\| +$$
$$+ \sum_{i,j=1}^{n} \left\| a_{ij}^{\frac{1}{2}}(x) V^{\frac{1}{2}}(x,u) \frac{\partial u}{\partial x_j}; L_{2,\rho}(R^n) \right\| \le M \|f(x); L_{2,\rho}(R^n)\|, \tag{19}$$

ҷой дорад, ки дар ин ҷо адади мусбати M аз $u(x)$, $f(x)$ вобаста нест.

Дар параграфи чорум оператори дифференсиалии ғайрихаттии Гелмголтс дар вазои ваздори $L_{2,\rho}(R^n)^l$ дида баромада шудааст.

Оператори Гелмголтс бо потенсиали ғайрихаттии матритсавии

$$L[u] = (-\Delta + k^2)u(x) + V(x, u(x))u(x) \tag{20}$$

-ро дида мебароем, ки дар ин ҷо $\Delta = \sum_{i=1}^{n} \frac{\partial^2}{\partial x_i^2}$, қиматҳои $V(x, \omega)$, $x \in R^n, \omega \in C^l$ матритсаҳои квадратии эрмитии мусбат-муаяншудаи тартиби $(l \times l)$ мебошанд. Дар ин ҷо ва баъдан l - ягон адади натуралии муаяншуда мебошад.

Таърифи 1.4.1. *Оператори (20) дар фазои $L_{2,\rho}(R^n)^l$ ҷудошаванда номида мешавад, агар барои ҳамаи вектор-функсияҳои $u(x) \in L_{2,\rho}(R^n)^l \cap W^2_{2,loc}(R^n)^l$, ки барои онҳо $L[u] \in L_{2,\rho}(R^n)^l$ мебошад, дохилшавии зерин иҷро шавад:*

$$(-\Delta + k^2)u(x), \quad V(x, u(x))u(x) \in L_{2,\rho}(R^n)^l.$$

Баҳоҳои коэрситивӣ ва ҷудошавандагӣ барои операторҳои эллиптикии тартиби дуюм дар ҳолати хаттӣ будан, ҳангоми $l = 1$ дар кори К.Х.Бойматова[31] дида баромада шудааст. Масъалаи ҷудошавандагии оператори Гелмголтс дар ҳолати хаттӣ будан, яъне ҳангоми $V(x, u(x))u(x)) = q(x)$ будан, дар кори S. Omran, K.A. Gepreel[49] омӯхта шудааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҷудошавандагии операторҳои дифференсиалии ғайрихатти дар умум, ҳангоми операторҳо ошуби сусти операторҳои хатти будан, тадқиқ шудааст. Дар фарқият аз ин, операторҳои дар поён тадқиқшаванда ошуби сусти операторҳои хатти намебошанд.

Фарз мекунем, ки қиматҳои матритса-функсияи $V(x, \omega) \in C(R^n \times \mathbb{C}^l; \mathrm{End}\,\mathbb{C}^l)$ матритсаҳои квадратии эрмитии мусбат-муайяншудаи тартиби l бошад. Маълум аст, ки мафҳуми решаи квадратӣ аз матритсаи мусбат-муайянкардашуда яккиматта ифода меёбад.

Ишораҳои зеринро дохил мекунем:

$$F(x_1, x_2, ..., x_n, \xi_1, \xi_2, ..., \xi_l, \eta_1, \eta_2, ..., \eta_l) = V^{1/2}(x, \omega),\ (x_i \in R,\ \xi_j,\ \eta_j \in R),$$

$$Q(x_1, x_2, ..., x_n, \xi_1, \xi_2, ..., \xi_l, \eta_1, \eta_2, ..., \eta_l) = F^2(x, \omega),\ (x_i \in R,\ \xi_j,\ \eta_j \in R),$$

[49] Omran S., Gepreel K.A. Separation of the Helmholtz partial differential equation in Hilbert space // Adv. Studies Theor. Phys. –2012. –V.6. –№ 9. –P.399-410.

ки дар ин ҷо ω бо формулаи $\omega = (\xi_1 + i\eta_1, \ldots, \xi_l + i\eta_l)$ муайян карда мешавад.

Дар ин ҷо $V^{\frac{1}{2}}(x,\omega)$ ҳамчун решаи квадратӣ аз матритсаи эрмитии мусбат-муаянкардашуда ифода карда мешавад.

Таърифи 1.4.2. *Фарз мекунем, ки матритса-функсияи $V(x,\omega)$ ба синфи $T^{\delta_1,\delta_2,\chi_1,\chi_2}_{\sigma_1,\sigma_2}$ таалуқ дорад, агар чунин шартҳо барои ҳамаи $x \in R^n$, $\omega = (\xi_1 + i\eta_1, \ldots, \xi_l + i\eta_l) \in \mathbb{C}^l$, $\Omega = (\mu_1 + i\nu_1, \ldots, \mu_l + i\nu_l) \in \mathbb{C}^l$ иҷро гардад:*

$$\left\|F^{-\frac{1}{2}}(x,u)u\right\|^2 \le \delta_1 \|F(x,u)u\|^2, \tag{21}$$

$$\sum_{i=1}^{n} \left\|F^{-\frac{1}{2}}(x,u)\frac{\partial F(x,u)}{\partial x_i}F^{-\frac{3}{2}}(x,u)\right\|^2 \le \chi_1, \tag{22}$$

$$\left\|\sum_{j=1}^{l} \mu_j F^{-\frac{1}{2}}(x,u)\frac{\partial F(x,u)}{\partial \xi_i}\omega + \nu_j F^{-\frac{1}{2}}(x,u)\frac{\partial F(x,u)}{\partial \eta_i}\omega\right\| \le \tag{23}$$
$$\le \sigma_1 \left\|F^{\frac{1}{2}}(x,u)\Omega\right\|,$$

$$\left\|V^{-1}(x,u)u\right\|^2 \le \delta_2 \|u\|^2, \tag{24}$$

$$\sum_{i=1}^{n} \left\|Q^{-\frac{1}{2}}(x,u)\frac{\partial Q(x,u)}{\partial x_i}Q^{-1}(x,u)\right\|^2 \le \chi_2, \tag{25}$$

$$\left\|\sum_{j=1}^{l} \mu_j F^{-1}(x,u)\frac{\partial Q(x,u)}{\partial \xi_i}\omega + \nu_j F^{-1}(x,u)\frac{\partial Q(x,u)}{\partial \eta_i}\omega\right\| \le \tag{26}$$
$$\le \sigma_2 \left\|F(x,u)\Omega\right\|,$$

ки дар ин ҷо аломати $\| \bullet \|$ нормаи векторро аз $\mathbb{C}^l$ ё ин ки матритса аз $End\mathbb{C}^l$ ифода мекунад.

Теоремаи зерин ҷой дорад.

Теоремаи 1.4.1. *Бигузор матритса-функцияи $V(x,\omega)$ ба синфи $T^{\delta_1,\delta_2,\chi_1,\chi_2}_{\sigma_1,\sigma_2}$ таалуқ дошта бошад ва бигузор функсияи вазндори $\rho(x)$ ба синфи $C^1(R^n)$ таалуқ дошта, барои ҳамаи $x \in R^n, \omega = (\xi_1 + i\eta_1, \ldots, \xi_l + i\eta_l) \in \mathbb{C}^l$ нобаробарии зеринро қаноат кунонад:*

$$\sum_{i=1}^{n} \left\|\frac{\partial \rho(x)}{\partial x_i}\rho^{-\frac{1}{2}}(x)Q^{-\frac{1}{2}}(x,\omega)\right\| \le \sigma_3. \tag{27}$$

Он гоҳ ҳангоми иҷрои шарти

$$0 < \sigma_1 < 1,\ 0 < \sigma_2 < 1,\ \chi_1 + 2\delta_1 k^2 + \sigma_3 < 4,\ \chi_2 + 2\delta_2 k^2 + \sigma_3 < 4,$$

оператори ғайрихаттии Гелмголтс (20) дар фазои $L_{2,\rho}(R^n)^l$ *ҷудошаванда буда ва барои ҳамаи ҳалҳои* $u(x) \in L_{2,\rho}(R^n)^l \cap W^2_{2,loc}(R^n)^l$ *муодилаи*

$$-(\Delta + k^2)u(x) + V(x, u(x))u(x) = f(x)$$

бо тарафи рости $f(x) \in L_{2,\rho}(R^n)^l$ *нобаробарии коэрситивии зерин иҷро мегардад:*

$$\|(\Delta + k^2)u(x); L_{2,\rho}(R^n)^l\| + \|V(x, u(x))u(x); L_{2,\rho}(R^n)^l\| +$$
$$+\sum_{i=1}^{n} \|V^{\frac{1}{2}}(x, u(x))\frac{\partial u(x)}{\partial x_i}; L_{2,\rho}(R^n)^l\| + \|V^{\frac{1}{2}}(x, u(x))u(x); L_{2,\rho}(R^n)^l\| \leq$$
$$\leq M\|f(x); L_{2,\rho}(R^n)^l\|, \tag{28}$$

ки дар ин ҷо M адади мусбати аз $u(x)$, $f(x)$ *вобастанабуда мебошад.*

Параграфи панҷум ба тадқиқи хосиятҳои коэрситивии операторҳои дифференсиалии ғайрихаттии тартиби дуюм бо потенсиали матритсавӣ бахшида шудааст. Дар ин ҷо мо натиҷаи параграфи чорумро ҳангоми умумӣ будани оператори дифференсиалии тартиби ду умумӣ мекунонем. Дар аввал натиҷаи асосии ин параргаф оварда шуда, баъдан баъзе леммаҳои ёрирасон исбот карда шуда ва дар охир исботи пурраи теоремаи асосӣ оварда мешавад.

Оператори дифференсиалии тартиби дуюми бо коэффисиентҳои тағйирёбандаи

$$L_0[u] = -\sum_{i,j=1}^{n} \frac{\partial}{\partial x_j}\left(a_{ij}(x)\frac{\partial u}{\partial x_i}\right)$$

-ро дида мебароем.

Фарз карда мешавад, ки коэффитсиентҳои $a_{ij}(x)$ оператори L_0 матритсаҳои квадратии тартиби l бо элементҳои аз синфи $C^1(R^n)$ буда шартҳои зеринро қаноаткунанда бошанд:

I). $a_{ij}(x) \equiv a_{ji}(x), \qquad Im a_{ij}(x) \equiv 0;$

II). $|a_{ij}(x)| \leq \sigma_1, \quad |\nabla a_{ij}(x)| \leq \sigma_2, \quad (\forall x \in R^n;\ i, j = 1, 2, \ldots, n);$

III). $\sum_{i=1}^{n} \left|s_i; \mathbb{C}^l\right|^2 \leq \chi_1 \cdot \sum_{i,j=1}^{n} \left\langle a_{ij}(x)s_i, s_j; \mathbb{C}^l\right\rangle \left(\forall x \in R^n,\ \forall s = \{s_i\}_{i=1}^n,\ s_i \in \mathbb{C}^l\right),$

доимиҳои σ_1, σ_2, χ_1 дар ин шартҳо аз x ва s вобаста нестанд.

Оператори дифференсиалии ғайрихаттии тартиби дуюми коэффисиентҳои калонашон тағйирёбандаро дида мебароем:

$$L[u] = L_0[u] + V(x,u)u. \tag{29}$$

Бигузор $V(x,\omega)$ - матритса-функсияи квадратии тартиби l бошад, ки барои ҳамаи $x \in R^n$, $\omega \in \mathbb{C}^l$ муайян буда, элементҳояш бефосила ва дифференсиронидашаванда аз рӯи ҳамаи аргументҳо мебошад. Фарз карда мешавад, ки қиматҳои $V(x,\omega)$ матритсаҳои эрмитии мусбат-майянкардашуда мебошанд.

Таърифи 1.5.1. *Оператори дифференсиалии (29) дар фазои вазндори $L_{2,k}(R^n)^l$ ҷудошаванда номида мешавад, агар барои ҳамаи вектор-функсияҳои $u(x) \in L_{2,\rho}(R^n)^l \cap W^2_{2,loc}(R^n)^l$, ки барои онҳо $L[u] \in L_{2,k}(R^n)^l$ аст, дохилкунии*

$$L_0[u] \in L_{2,k}(R^n)^l, \quad V(x,u)u \in L_{2,k}(R^n)^l$$

иҷро мешавад. Дар ин ҷо мо фарз мекунем, ки матритса-функсияи $a_{ij}(x)$ бо $V(x,\omega)$ ҷойивазнок мебошад, яъне баробарии

$$[(a_{ij})^l_{i,j=1} \cdot V(x,\omega)] = (a_{ij})^l_{i,j=1} \cdot V(x,\omega) - V(x,\omega) \cdot (a_{ij})^l_{i,j=1} \equiv 0$$

барои ҳамаи $x \in R^n$ ва ҳамаи $\omega \in \mathbb{C}^l$ ҷой дорад.

Ишораҳои зеринро дохил мекунем:

$$F(x_1, x_2, ..., x_n, \xi_1, \xi_2, ..., \xi_l, \eta_1, \eta_2, ..., \eta_l) = V^{1/2}(x,\omega), \ (x_i \in R, \ \xi_j, \ \eta_j \in R),$$

$$Q(x_1, x_2, ..., x_n, \xi_1, \xi_2, ..., \xi_l, \eta_1, \eta_2, ..., \eta_l) = F^2(x,\omega), \ (x_i \in R, \ \xi_j, \ \eta_j \in R),$$

дар ин ҷо ω бо баробарии $\omega = (\xi_1 + i\eta_1, \ \ldots, \ \xi_l + i\eta_l)$ муайян карда мешавад.

Дар ин ҷо $V^{\frac{1}{2}}(x,\omega)$ ҳамчун решаи квадратӣ аз матритсаи эрмитии мусбат-мауйянкардашуда мебошад.

Таърифи 1.5.2. *Фарз мекунем, ки матритса-функсияи $V(x,\omega)$ ба синфи $T^{n,l}_{\chi,\delta,\sigma,\gamma}$ таалуқ дорад, агар шартҳои зерин барои ҳамаи $x \in R^n, \omega = (\xi_1 + i\eta_1, \ \ldots, \ \xi_l + i\eta_l) \in C^l, \Omega = (\mu_1 + i\nu_1, \ \ldots, \ \mu_l + i\nu_l)$ иҷро гардад:*

$$\sum_{i=1}^n \left\| F^{-\frac{1}{2}}(x,\omega) \frac{\partial F(x,\omega)}{\partial x_i} F^{-\frac{3}{2}}(x,\omega) \right\|^2 \le \chi, \tag{30}$$

$$\left\| \sum_{j=1}^l \mu_j F^{-\frac{1}{2}}(x,\omega) \frac{\partial F(x,\omega)}{\partial \xi_j} \omega + \nu_j F^{-\frac{1}{2}}(x,\omega) \frac{\partial F(x,\omega)}{\partial \eta_j} \omega \right\| \le \tag{31}$$

$$\le \sigma \left\| F^{\frac{1}{2}} \Omega \right\|,$$

$$\left\| \sum_{j=1}^{l} \mu_j F^{-1}(x,\omega) \frac{\partial Q(x,u)}{\partial \xi_j} \omega + \nu_j F^{-1}(x,\omega) \frac{\partial Q(x,\omega)}{\partial \eta_j} \omega \right\| \leq \tag{32}$$
$$\leq \delta \left\| F\Omega \right\|,$$

$$\sum_{i=1}^{n} \left\| Q^{-\frac{1}{2}}(x,\omega) \frac{\partial Q(x,\omega)}{\partial x_i} Q^{-1}(x,\omega) \right\|^2 \leq \gamma, \tag{33}$$

ки дар ин ҷо аломати $\| \bullet \|$ *нормаи вектор дар* $\mathbb{C}^l$ *ё ин ки матритса аз* $End\mathbb{C}^l$ *ифода мекунад.*

Натиҷаи асосии параграфро дар намуди теоремаи зерин баён карда шудааст.

